**Протоколи № 5**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-087
назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

аз 26 -уми июни соли 2026 ш. Хоруғ

Иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина, ки бо фармонши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, тахти № 50/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Одиназода Сафармоҳ Нурулло** дар мавзуи **“Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри ХХ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи эксперт

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., Аламшоев М.М. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон ба шурои диссертатсионӣ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ Беҳроншо Ҷ.С. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ

пешниҳоднамудаи диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, тахти № 50/шд тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи "Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба экпертизаи аввалия кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

– **Нуров Нуралӣ** – доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, раиси комиссияи экспертӣ;

– **Абдулназарзода Абдулназарзода Абдулқодир** – доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи экспертӣ.

– **Шофақирзода Рушонгул Мирсаид** – номзади илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ М.М. Аламшоев

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Ҷ.С. Бехроншо